# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод гардидааст**

Масъалаи шинохти илмии падидаву ҳодисаҳои олам дар ҳама марҳилаҳои ташаккули афкори фалсафӣ ҳамчун масъалаи марказии ҷаҳоншиносии мутафаккирони ақлгаро шинохта шудааст. Таҳлили пайдоиш ва рушди ақлгароӣ аз даврони қадим то имрӯз нишон медиҳад, ки он дар таърихи фалсафа ва илми ҷаҳонӣ мақоми махсус доштааст ва истифода аз таҷрибаи мусбати ин мутафаккирон ва мактабҳои фалсафӣ дар таҳкими ақлгароӣ ва рушди ҷаҳонбинии илмӣ зарур мебошад. Алалхусус, дар замони муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ вусъати тоза пайдо намуда, ҷараёнҳои ғайриилмӣ аз як ҷониб ва хурофоту таассуби динӣ аз ҷониби дигар ташаккул ёфта, мавқеи худро устувор менамоянд, руй овардан ба масъалаи тасвири илмии олам ва таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ боз ҳам мубрам мегардад. Бо дарки ҳамин мубрамият, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 дар Тоҷикистон “20-солаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” эълон шудааст, ки мақсади иқдоми мазкур ташаккули маърифатнокӣ, мустаҳкамнамоии ҷаҳонбинии илмӣ ва шинохти ратсионалии падидаву ҳодисаҳои олам мебошад. Дар самти мазкур диссертатсияи Субҳонзода С.И. саривақтӣ ва дорои арзиши баланди назариявию амалӣ мебошад.

Муҳиммияти дигари мавзуи диссертатсионии Субҳонзода С.И. дар он аст, ки он бевосита ба таҳлили масъалаи бунёдии фалсафа нигаронида шудааст. Таҳлил ва омӯзиши чунин масъалаҳои фалсафӣ имконият фароҳам меоваранд, ки фалсафа дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ рушди тоза пайдо намуда, аз шарҳу тавзеҳи масоили иҷтимоиву ахлоқӣ ва

сиёсиву динӣ ба масъалагузориҳои нисбатан мушаххас ва марбут ба онтологияву гносеология таваҷҷуҳи ҷиддӣ равона карда шавад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи тақризшаванда нишон медиҳад, ки муаллиф мубрамияти мавзуи таҳқиқи хешро тавассути далелҳои мушаххаси илмӣ асоснок намуда, нишон додааст, ки масъалаи тасвири илмии манзараи олам дар замони муосир боз ҳам мубрамияти тоза касб намуда, арзандаи таҳқиқ мебошад. Махсусан, дар Тоҷикистони муосир, ки дар раванди таҳкими пояҳои давлатдории дунявӣ қарор дорад, тақозо менамояд, ки насли муосир дорои ҷаҳонбинии илмӣ ва мусаллаҳ бо донишҳои ақлӣ бошанд.

Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқ низ мувофиқ ба талаботи муқаррагардида таҳия шудааст. Диссертант бо маҳорати баланд сарчашмаҳои таърихӣ ва осори таҳқиқотиро гуруҳбандӣ намуда, онҳоро таҳлил, баҳогузорӣ ва мавқеашонро дар омӯзиши масъала муайян кардааст. Истифода аз методологияи илмӣ ва усулҳои маъруфи фалсафӣ диссертант тавонистааст, ки дараҷаи омӯзиши мавзуъро муайян ва мақсади худро ошкор намояд.

Объект, предмет, мақсад ва вазифаҳо, навгониҳо ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо ҳамдигар алоқаманд ва мувофиқ ба талаботҳои илмӣ мебошанд. Пайдарҳамии мантиқӣ дар автореферати диссертасия эҳсос мешавад, ки аз қобилияти баланди фикррони диссертант гувоҳӣ медиҳад. Риояи принсипи мантиқият аз ҷониби муаллифи автореферати диссертатсия боис гардидааст, ки масъалаи муайяннамудаи худро ба таври системавӣ мавриди коркард қарор диҳад ва натиҷаҳои мушаххаси илмӣ пешниҳод намояд.

Навгониҳои илмии пешниҳодшуда аз муҳтавои кори илмӣ сарчашма гирифта, бо нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавъам мебошанд.

Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо нашрнамудаи диссертант ба кори диссертатсионӣ алоқамандии бевосита доранд. Хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада дар автореферати диссертатсия хеле хуб нишон дода шудаанд. Диссертант

хулосаҳои худро вобаста ба масъалаҳои гузошташуда ва таҳлили онҳо дар фаслҳои диссертатсия ба таври пай дар пай оварда шудаанд. Ҳар як банди хулоса ва тавсияҳо ба вазифаҳои гузошташудаи диссертант тавъам буда, бо навгониҳои кор ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пайванд мебошанд.

Дар баробари муваффақиятҳо, ба назари мо, агар диссертант усули муқоисавиро васеътар истифода намуда, ақоиди файласуфони давраҳои гуногунро оид ба мақулаҳои кулл, хосс ва муҷаррад таҳлил ва баҳогузорӣ мекард, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам болотар мерафт.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи ««Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмщои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа мебошад.

**Муқарриз: доктори илмҳои фалсафа,**
**мудири кафедраи таърихи фалсафа**
**ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ** **Амирхон Ш.Т.**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
к. Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,
amirkhonov81@mail.ru. Тел: +992 933132020

**Имзои Ш.Т. Амирхонро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** 15.11.2025 **Шодихонзода Э.Ш.**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ,17, tgnu@mail.ru. Тел: +992 2217711